«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор ____________ Хушвахтзода Қ.Х.

«____» ______________ 2023

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - ба диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзуи “Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08. 03. 00 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳамчун санади муҳими давлатӣ, қайд гаштааст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди минбаъда пеш аз ҳама бо фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатӣ, ки дар истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. Шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ омили муҳим буда, қобилияти таъмин намудани рушди пешгирикунанда, индустриалӣ ва инноватсионии кишварро дорост.

Фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон мусоид барои зиндагӣ ва инкишофи минтақаҳо бояд принсипи асосии фаъолияти кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардад. Бо ин мақсад бояд иқтидори ниҳодҳои давлатӣ таҳким дода шуда, низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд такмил дода шавад. Дар ин раванд мушкилоти асосӣ дар низоми идоракунии давлатӣ - ба таври кофӣ равона нашудани низоми амалкунандаи идоракунии давлатӣ ба татбиқи вазифаҳои нави рушди дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодии кишвар ошкор шудааст. Дар низоми идоракунии давлатӣ аксари механизмҳо, ниҳодҳо ва салоҳиятҳо ба таври лозимӣ рушд наёфтаанд, ки

инҳо бояд дар таъмини рушди индустриалию инноватсионӣ, ҳамгирой бо иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши муҳимро бозанд.

Вобаста ба ин масъалаи асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа аҳамияти калон дошта, муҳимияти мавзуи интихобнамудаи довталабро бори дигар исбот менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба бандҳои: 3.8. Нақши омилҳои институтсионалӣ дар тараққиёти низомҳои иқтисодии минтақавӣ. Хусусиятҳои минтақавии дигаргуншавии муносибатҳои моликиятӣ, таъсири онҳо ба сохтор ва самаранокии фаъолият ва инкишофи низомҳои иқтисодии минтақавӣ; 3.18. Ташкил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти идоракунӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ноҳияҳои маъмурӣ; истифодаи чунин баҳодиҳӣ дар низоми идоракунӣ ва назорати давлатӣ мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани муқаррароти назариявию институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир, коркарди тавсияҳои амалӣ баҳри такмили заминаҳои институтсионалӣ оид ба таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳо мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз унсурҳои зерин иборат аст:

- низомбандӣ намудани консепсияи илмии муҳити институтсионалии рушди иқтисодиёт, ки дар асоси он қисматҳои таркибии низоми институтсионалӣ аз се унсур муайян гардидааст, ки он чунин аст: омилҳо (моликият, давлат, низоми молиявӣ, субъектҳои хоҷагидор); шароит

(анъана, одат, маданият, рафтор, дин), фишангҳо (меъёр, нақшаю барнома, аҳду шартномаҳо, дастурамал, муқаррарот);

- асоснок гардидааст, ки дар байни индикаторҳо чун натиҷаи таъсири омилҳои институтсионалӣ дар минтақа дар се гуруҳи нишондиҳандаҳо, яъне рушди сармояи инсонӣ (сатҳи маълумотнокӣ, дарознокии умр, рушди даромаднокии аҳолӣ); афзоиши инвеститсияҳо (сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ, фаъолнокии иқтисодӣ, рушди савдои беруна); баланд бардоштани рақобатпазирӣ (аз сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд будани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ) бояд инъикос мегарданд;

- омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он қобили қабул арзёбӣ намудани таҷрибаи Чин, ки дар он коркарди стратегияи панҷсолаи рушди минтақаҳои қафомонда ҷой дошта, он ба барномаи дастгирии давлатӣ ворид мегардад, реҷаҳои махсус дар соҳаи молия, андоз нисбати чунин минтақаҳо қабул карда мешаванд, ки дар навбати худ ду шарти ҳатмиро доранд, яъне таъминнокӣ бо инфрасохтор ва шароити махсус барои рушди соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад. Асоснок карда шудааст, ки механизми институтсионалии рушди минтақа дар кишварҳои мутараққӣ аз се ҷуз иборат аст: мавҷудияти банақшагирии стратегӣ (стратегия, барномаҳо); мақомоти махсус оид ба рушди минтақавӣ; шароитҳои мусоид барои таъмини рушди ҳудудҳои ақибмонда;

- асоснок гардидааст, ки таъсири омилҳои институтсионалӣ дар сатҳи минтақа бо индикаторҳои иқтисодӣ - иҷтимоии рушди минтақа арзёбӣ мегардад. Муайян гардидааст, ки таъсири омилҳои институтсионалӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои таркибии сармояи инсонӣ (маориф, тандурустӣ, таъминноки бо фонди манзил), минтақаи Суғд аз дигар минтақаҳо пешрафта, нисбат ба меъёрҳои ҷараёни инвеститсионӣ (ҳаҷми сармоягузорӣ, фаъолияти корхонаҳо) ақибмонӣ дорад, зеро шохиси он аз нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ паст аст;

-арзёбӣ намудани таъсири механизмҳои институтсионалӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси он институтҳои барои рушди соҳибкорӣ мусоидаткунанда ва монеакунанда муайян карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки дар шароити муосир дар иқтисодиёти вилояти Суғд ба омилҳои институтсионалие, ки фаъолнокии иқтисодиро боз медоранд, мансубанд: танзими маъмурию тафтишотӣ, таъминоти захираҳои молиявӣ; таъминоти иттилоотӣ; хароҷоти трансаксионӣ;

-асоснок намудани монеаҳо ва муаммоҳое, ки дар фаъолияти низомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа ҷой дошта, аз маҷмӯи сохторҳои ташкилию функсионалӣ иборатанд. Алалхусус, дар фаъолияти зернизоми институтҳои пулию қарзӣ: сатҳи баланди мизони қарз (дастнорасии маблағҳои молиявӣ); дар самти институти зиддинҳисорӣ (маҳдуднокии мустақилияти хоҷагидорӣ, халал расонидан ба фаъолият); институти назоратӣ-меъёрӣ (миқдори зиёди тафтишот), ниҳоди андозӣ (гаронии андоз, иқтидори сусти молиявии буҷетҳои маҳаллӣ); ниҳоди маъмурӣ (барзиёдии миқдори ҳуҷҷатҳо, мураккабӣ, сарфи вақти зиёд барои гирифтани иҷозатнома); зернизоми гумрук (расмиёти барзиёдатии муносибати ғайрииқтисодӣ, боҷу хироҷҳо);

-коркарди чораҳо оид ба рушди ҳамкории мутақобила бо сармоягузорон, соҳибкорон, ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ дар ҳудуди вилояти Суғд. Ба монанди таҳияи стратегияи институтсионалии шаҳру ноҳияҳо; ташкили равзанаи ягона барои сармоягузорон бо мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия; то охир дастгирӣ намудани лоиҳаҳои мушаххаси инвеститсионӣ; амалишавии принсипҳои зерин: байни ҳамкорон, яъне сектори хусусӣ ва давлатӣ; баробарӣ (набудани маҳдудкунии ҳуқуқ); ҷалбшавӣ (иштирок дар қабули қарор); шаффофият (дастрасии маълумот), синергия (самараи мусбати кумулятивӣ).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии мукаррарои илмӣ, хулосаҳо ва пешниход, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд, дар натиҷаи таҳлили назариявӣ ва методологии таълифоти сершумори илмӣ вобаста ба масъалаҳои марбут ба ҷабҳаҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа дар нашриёти бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ чоп шудаанд, инчунин ақидаҳои мухталифи олимони иқтисоддон доир ба масъалаи баррасишаванда мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тариқи маърӯзаҳо дар конференсия ва семинарҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ манзур гардонида, мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонида шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Муқарраротй назариявӣ ва пойгоҳи методӣ, хулосаю тавсияҳои амалии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардидаро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати такмили идоракунии рушди иқтисодии ҳудуд мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Зимнан тавсияҳои амалӣ оид ба мусоидат ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа, ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳо арзиши амалии бештар доранд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии бадастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар ҷараёни таълим барои омода кардани бакалавр, магистрантон ва докторантон, барои хондани фанҳои назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти институтсионалӣ, иқтисодиёти минтақавӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби муаллиф 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвияшуда ба нашр расонида шудааст.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаи илмии диссертатсия дар конференсияҳои мухталифи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм" (Хуҷанд, 2017), "Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандарти нави таҳсилот" (Хуҷанд, 2021), "Самаранокии иқтисодии соҳаҳои саноати металлургӣ ва нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Бӯстон, 2019), "Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқи ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот"(Хуҷанд, 2021), "Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ" (Душанбе, 2022), "Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" (Хуҷанд, 2022) ва дар конференсияҳои байналмилалӣ дар мавзуи "Истифодабарии захираҳои табиӣ, экология ва рушди устувор" (Бӯстон 2022), "НАУКА и ТЕХНОЛОГИИ" (Алматы, 2022) иҷроа гардида, дар маводҳои конференсияҳои мазкур нашр шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсия тибқи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, барасмият даровардa шуда, бе меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар **муқаддима** мубрамияти кори диссертатсионӣ асоснок гардидааст, мақсад ва вазифаҳои тадқиқ муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, ҳамчунин арзиши амалию назариявии кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст.

**Дар боби якум – “Ҷанбаҳои назариявию методии тадқиқи асосҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти минтақа”** - муносибатҳои консептуалӣ ва мундариҷаи омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо; муносибатҳои методӣ ба арзёбии омилҳои институтсионалии рушди минтақаҳо баррасӣ шуда, аз рӯи натиҷаҳои таҳлил методикаи муаллифӣ пешниҳод гардидааст; таҷрибаи хориҷии идоракунии механизмҳои институтсионалии рушди минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар зербоби ин қисми диссертатсия гуруҳҳои институтҳо вобаста аз вазифаҳое, ки онҳо иҷро менамоянд, оварда шудааст, ки ҷолиби диққат мебошад (саҳ. 24-26).

Унвонҷӯ нақши давлатро дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа зарур мешуморад. Ба ақидаи муаллиф гузаронидани ислоҳоти бозорӣ, мутаносибияти рушди минтақаҳои гуногун дар давраи бӯҳронҳои иқтисодӣ, баробар сохтани тараққии ҳудудҳо ва масъалаҳои дигари ба ин монандро давлат ҳал мекунад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ манфиатҳои минтақаро муайян намуда, институтҳои дар сатҳи давлат қабулшударо ба амал татбиқ менамоянд. Ғайр аз ин, онҳо барои фаъолияти самараноки соҳибкорон шароит фароҳам меоранд, ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ мусоидат мекунанд, фаъолияти иқтисодии беруна ва ғайраро ташкил менамоянд. (саҳ 30-34).

Инчунин нишондиҳандаҳои рушди ичтимоию иқтисодии минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки он ба самаранокии фаъолияти идоракунии институтҳои давлатиро дар минтақаҳо инъикос менамояд. Инчунин барои ошкор сохтани омилҳои институтсионалие, ки рушди минтақаро бозмедоранд, имкон намедиҳад. Бинобар ин, ба ақидаи муаллиф, бояд арзёбии институтҳое гузаронида шавад, ки муҳити рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро ташаккул диҳад (саҳ 50-52).

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки таҷрибаи хориҷӣ барои амалигардонии рушди минтақавӣ аз институтҳои гуногун истифода

менамоянд. Институтҳои сершумори мазкурро шартан ба гуруҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: нақшаҳо ва барномаҳо; муносибатҳои байнибуҷетӣ; ташкилотҳои гуногуни иқтисодӣ; институти худидоракунии маҳаллӣ (саҳ.72-74).

**Боби дуюм "Вазъи муосир, хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои институтсионалӣ дар рушди иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон"** номида шуда, дар он таҳлили омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир, вазъ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд; арзёбии шароитҳои институтсионалии рушди муҳити корӣ дар минтақа; хусусияти зернизомҳои институтсионалии идоракунии иқтисодиёти минтақа сурат гирифтааст. Он санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар қабул гардида, татбиқи онҳо ба рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар равона шудаанд, аз ҷониби муаллиф баррасӣ гардидаанд (саҳ. 77-81).

Дар самти рушду инкишофи минтақаҳо саҳми сармоягузорон зиёд аст. Дар ин бобат муаллиф гуфтори яке аз олимони иқтисоддон Кейнсро бамаврид баён намудааст, ки "кишваре, ки ба масъалаи сармоягузорӣ аҳамият намедиҳад, оянда надорад." (саҳ. 87-89).

**Боби сеюм "Такмили низоми институтсионалӣ чун механизми ҳавасмандгардонӣ оид ба таъмини рушди минтақа ва дурнамо"** номгузорӣ карда шуда, ниҳодҳои мусоид ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақавию зерминтақавӣ ва воситаҳои ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳои минтақа тавсия шудаанд.

Оид ба масъалаи муҳити мусоид барои сармоягузорӣ муаллиф дуруст қайд намудааст, ки таҷдиди омилҳои институтсионалӣ дар сатҳи минтақа бояд аз дуюм ба якум ё аз рӯи принсипи "аз поён ба боло" амалӣ гардад. Ба ақидаи муаллиф, аввал дар сатҳи минтақа ҳамаи имкониятҳои мавҷударо ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоид барои

сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ истифода бурда, дар мавридҳои зарурӣ ба сатҳи Ҳукумат баромадан лозим аст (саҳ.144-153).

Муаллиф дуруст қайд кардааст ва пешниҳоди хубе ҳам намудааст, ки фароҳам овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ яке аз масъалаҳои калидии мақомоти давлатии ҳамаи сатҳҳо ба ҳисоб меравад. Айни замон, омори расмии инвеститсияҳои хориҷӣ ба вилояти Суғд дар бораи нобаробарии онҳо аз лиҳози ҳудудӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, зарурати таҳияи низоми тадбирҳо ва механизмҳои ислоҳоти институтсионалӣ дар соҳаи муҳити инвеститсионии минтақа ба миён омадааст. Яке аз чунин тадбирҳо стандарти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар минтақа мебошад, ки имкон медиҳад дар ҳудуди мамлакат "қоидаҳои ягонаи бозӣ" ҷорӣ карда шаванд, яъне дар минтақаҳо муҳити институтсионалӣ аз ҳисоби ошкор сохтан ва паҳн кардани амсилаҳои беҳтарини минтақавӣ дар соҳаи такмили муҳити инвеститсионӣ ҳатталимкон "стандартизатсия" шавад (саҳ.163-167).

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуда, дар асоси он тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа" (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) мувофиқи талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад.

Ба андешаи мо, дар кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳод карда шуда дар баробари дар сатҳи баланд гузаронидани таҳқиқот доир ба мавзӯъ баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Дар саҳифаи 41-уми диссертатсия рейтинги баъзе мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи шуғли аҳолӣ дар соли 2020 оварда шудааст, ки бо кадом мақсад овардани он шарҳ дода нашудааст.

2. Хуб мешуд, агар дар диссертатсия маълумотҳои дар ҷадвалҳо овардашуда дар шакли тасвираҳои муосир, ба монанди диаграмма, гистограмма ва амсоли онҳо инъикос мешуданд;

3. Дар ҷадвали 2.1.5 (саҳифаи 90) маълумот дар бораи динамикаи гардиши савдои берунаи вилояти Суғд оварда шудааст, ки дар он, нишондиҳандаҳо дар солҳои 2014-2020 инъикос ёфтаанд. Тибқи он ҳаҷми содирот дар солҳои охир, алалхусус соли 2020 тамоюли коҳишёбӣ дорад. Хуб мегардид, агар сабаби чунин коҳишёбӣ шарҳ дода мешуд.

4. Хуб мешуд, ки дар зербоби 3.2. дар робита бо ҳамкориҳои мутақобилаи ҳокимияти маҳаллӣ ва бахши хусусӣ таҷрибаи хориҷӣ ба инобат гирифта мешуд.

5. Дар руйхати адабиёти истифодашуда баъзе камбудиҳо вобаста ба риояи меъёрҳои библиографӣ ба назар мерасад.

6. Сохтори диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад, аммо агар таносуби бобҳо ва зербобҳо риоя карда мешуд, боз хубтар мегардид.

Эроду пешниҳодҳои болозикр сатҳи назариявию илмии диссертатсияи Қурбонова Ш.Х.-ро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Хулоса.** Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидааст ва натиҷаи таҳқиқоти мустақилона баанҷомрасонидаи муаллиф дар мавзуи муҳим мебошад. Диссертатсияи илмии иҷрошуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ, ба бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси ғайринавбатии кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ шудааст (протоколи №8 аз 15 марти соли 2023).

Раис, мудири кафедраи
иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Тағоев Бахром Дустмаҳмадович

Экперт,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи
иқтисоди миллӣ ва
бехатарии иқтисодӣ Сафаров Алишер Ҳикматуллоевич

Котиби ҷаласа:
муаллими калони кафедраи
иқтисоди миллӣ ва
бехатарии иқтисодӣ Чоршанбиев Садриддин Раҷаббоқиевич

Имзоҳои Тағоев Б.Д., Сафаров А.Ҳ. ва Чоршанбиев С.Р.–ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

“15” 03 2023

Суроғаи донишгоҳ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рудакӣ, 17
E-mail: tnu.tj
Тел: 221-77-11